ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти тахассуснокӣ ва илмии унвонҷӯ Рачабзода Гуландом Рачаб дар мавзуи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисосӣ 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология)

Рачабзода Гуландом Рачаб соли 1997 ба факултети иқтисодиёти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи ихтисоси «Менеҷменти истеҳсолӣ» дохил шуда, онро соли 2008 бо дипломи аъло хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии худро аз соли 2008 то 2010 дар ҶДММ “Бахт” ш. Душанбе ва аз соли 2011 то инҷониб ба ҳайси омӯзгор дар кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экологияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ идома дода истодааст.

Мавзӯи кори диссертатсионии Рачабзода Г.Р. “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” дар ҷаласаи Шурои илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тасдиқ гардида (фармоиши №221 аз 08.12. 2025), роҳбари илмӣ Бобоев Ҳақназар Бобоевич - н.и.т., и.в. дотсенти кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экологияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, таъйин гардидааст. Аз соли 2020 унвонҷӯи шубаи экологияи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ мебошад (фармоиши №83/1 аз 30.09. с.2020).

Диссертатсияи номзадии Рачабзода Г.Р. баёни равшани мушкилоти экологӣ ва роҳҳои ҳали он дар мисоли таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе буда, муаллиф дар корҳои таҳлилию таҳқиқотӣ усулҳои тачрибавиро мустақилона дар сатҳи хуб анҷом додааст. Инчунин дар кори диссертатсионӣ, доираи васеи усулҳои таҳқиқот бо истифодабарии асбоби муосири аналитикӣ (ГАНК-4) истифода шудаанд. Тавсияҳои пешниҳодгардида аз назари илмӣ асоснок мебошанд.

Дар доираи мавзуъ муаллиф 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар нашрияҳои тақризии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 4 мақола дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ба табъ расидаанд. Як нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барои ихтироъкорӣ низ дарёфт шудааст.

Корҳои таҳқиқотии Рачабзода Г.Р. имконият медиҳад, ки масъалаи паст кардани таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфера ва саломатии шаҳрвандон дар мисоли ш. Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳал карда шаванд. Саҳми шахсии муаллиф дар ҷустуҷӯ ва таҳлили адабиётҳои соҳавӣ, таҳлили вазифаҳои гузошташуда, ташкили шароити мусоид барои гузаронидани таҳлилҳои экспериментали, таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда, ҷамъбасти мазмуни асосӣ ва таҳияи диссертатсия ва мақолаҳои илмӣ мебошад.

Диссертатсияи номзадии Рачабзода Г.Р., ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз руйи ихтисоси 2.9.6. Экология пешниҳод шудааст, кори ба анҷомрасида мебошад ва барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: н.и.т., и.в. дотсенти кафедраи БФИ ва Э
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ — Бобоев Ҳ.Б.

Имзои н.и.т., и.в. дотсент Бобоев Ҳ.Б. ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ — *Кодирзода Н. Ҳ.*

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ